**Тақриз**

**ба автореферати Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Масъалаи ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи олимон ва мутахассисони соҳаи маорифро дар тамоми дунёро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ оид ба масъалаи мазкур медиҳад.

Дар таҳқиқоти илмӣ оид ба масоили назариявии ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилот дар шароити ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ гуфта шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони хориҷӣ оид ба ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ташкил додааст.

Навгонии илмии таҳқиқотро нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- накши ҳалкунандаи меҳнат дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон муайян карда шуд;
- вижагиҳои усулҳои таъсири педагогии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии хонандагон таҳқиқ карда шуданд;
- таъсири оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ошкор гардида, дар ин замина амсилаи педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа ҷиҳати роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон коркард карда шуд;
- байни оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати рушди роҳнамоии касбии хонандагон муносибати мақсаднок ва доимӣ барқарор карда шуд;
- низоми фаъолияти оила, ҷомеа ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оиди роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон муайян карда шуд;
- маҷмуи восита ва шаклҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон такмил дода шуданд;

- имконияти раванди фаъолияти меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бо назардошти ҷалби оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ташкили роҳнамоии касбии ҷавонону наврасон ба таври назариявӣ асоснок карда шуд;

- восита ва усулҳои зарурии таъсиррасонии педагогии волидайн ва омӯзгорон ҷиҳати роҳнамоии касбии ҷавонону наврасон муайян карда шуданд;

- дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ таҳия карда шуданд, ки ба беҳтар шудан ва баланд бардоштани сатҳи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мусоидат хоҳанд кард.

Аҳмияти назариявии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи педагогика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари он аст:

- аз нуқтаи назари сохтори системавӣ роҳнамоии касбии хонандагон, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон тавсиф карда шуд;

- вазъи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон таҳлилу баррасӣ шуда, технологияи муосири роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон зимни ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа нишон дода шуд;

- шароитҳои педагогии самараноки ташкили роҳнамоии касбии хонандагон ва ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа дар ин раванд аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардиданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки ҷанбаҳои педагогии раванди роҳнамоии касбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои методии коркард ва манзургардида ҷиҳати роҳнамоиии касбӣ ва касбинтихобкунии хонандагон истифода шуда метавонанд. Ҳамчунон, асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳоро оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати роҳнамоии касбии хонанадгони муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон ба таври васеъ истифода бурд.

Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима диссертант муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси таҳқиқоти илмиро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби аввал «Масъалаҳои назариявӣ ва методологии роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» масъалаҳои моҳият ва хусусиятҳои

ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон, технологияи муосири роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон зимни ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа, таҳлили вазъи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дувум «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба самтҳои асосии фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» самтҳои тавсиф ва арзёбии роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон, роҳҳои ташаккули роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон муайян карда мешавад.

Ҳамзамон ба масъалаи ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон диққати махсус дода, тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст.

Муаллиф диққати асосиро ба корҳои илмию таҳқиқотии олимони кишвар ва хориҷи он оид ба масъалаи мазкур равона кардааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидаи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Умуман, кори таҳқиқотии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон" ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор аст.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Сабуров У.С.

Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, к. Нахимов 64/14.
Тел: (992 37) 231-02-01; 93-555-62-64

Имзои Сабуров У.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ ДДМИТ Шарипов У. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

15.02.2024